ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика: 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих.

Унвонҷӯй Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад мавзуеро барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки дар шароити муосир бениҳоят муҳим ва мубрам буда, таҳқиқи масъалаи мазкур дар заминаи тағйирёбии босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ташаккули ҳофизаи таърихӣ ва рушди тафаккури таҳлилӣ ба шуури насли наврас аҳамияти хоса пайдо мекунад. Салоҳиятҳои асосӣ, аз он ҷумла, технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ, ҳамчун асоси муҳимми шахсияти комил, ҷомеаи устувор ва давлати мустақил ба ҳисоб рафта, ташаккули онҳо дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ заминаи мустаҳками тарбияи насли ояндаро фароҳам меорад.

Мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» дар шароити муосир аҳамияти ниҳоят бузург касб мекунад. Сабабҳои мубрамияти онро метавон дар чанд ҷанбаи зерин пайдо кард:

- дар ҷаҳони муосир, ки бо суръати бесобиқаи пешрафти технологияҳои инноватсионӣ тавсиф мешавад, хонандагон бояд аз малакаҳои зарурии ин манбаъ бархурдор бошанд, то ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт муваффақ гарданд;

- салоҳиятҳои асосӣ, аз қабили хондан ва навиштан, ҳисобкунӣ ва муошират, ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтаанд, зеро онҳо акнун бояд дар муҳити иттилоотӣ амалӣ шаванд;

- таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи технологияҳои рушди тафаккури таҳлилӣ дар раванди таълим метавонад сатҳи ҷалби хонандагонро баланд бардорад ва ҳавасмандии онҳоро барои омӯзиши фаъол тақвият диҳад.

Ин технологияҳо имкониятҳои беназиреро барои фардикунонии раванди таълим ва ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон фароҳам меоранд. Бо истифода аз платформаҳои таълимии маҷозӣ, барномаҳои адаптивӣ ва захираҳои рақамии гуногун, муаллимон метавонанд ба эҳтиёҷоти инфиродии ҳар як хонанда мувофиқат кунанд. Ин равиш метавонад ба беҳтар шудани натиҷаҳои таълим ва рушди мустақилияти хонандагон дар самти рушди тафаккури таҳлилӣ мусоидат намояд.

Салоҳиятҳои асосие, ки тавассути воситаҳои технологияҳои тафаккури таҳлилӣ рушд мекунанд, барои омодасозии хонандагон оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии онҳо аҳамияти калон доранд. Рушди ин салоҳиятҳо дар хонандагон имкон медиҳад, ки онҳо рақобатпазир бошанд ва ба тағйиротҳои бозори меҳнат мутобиқ шаванд.

Аз ин рӯ, сармоягузорӣ дар рушди истифодаи технологияҳои тафаккури таҳлилӣ дар таълим барои таъмини ояндаи дурахшони наслҳои оянда муҳим аст.

Хулоса, мавзуи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ муҳим ва мубрам арзёбӣ шуда, он ба талаботи замон ҷавобгӯ мебошад ва ба баланд бардоштани сифати таълим, инчунин, ташаккули ҳофизаи таърихии онҳо мусоидат мекунад ва дар тарбияи насли навраси ояндасоз саҳм гузошта метавонад.

Бинобар ин, таҳқиқи мавзуи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, ки роҳҳои самарабахши такмили раванди таълим, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва таъмини робитаи муассир бо ҷомеа муайян карда шаванд. Ин таҳқиқот метавонад барои таҳияи маводи таълимӣ-методӣ, тавсияҳои амалӣ ба омӯзгорон ва барномаҳои таълимӣ дар самти технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рушди тафаккури таҳлилӣ саҳми муносиб гузорад.

Дар ин росто, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ хеле бамавқеъ ва воқеъбинона таъкид кардааст, ки то имрӯз масъалаи истифодаи технологияҳои рушди тафаккури таҳлилӣ оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон ба таври бояду шояд ва мукаммал аз ҷониби олимону муҳаққиони тоҷик мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода нашуда, масъалаҳои мазкур ҳанӯз ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Бино бар ин, иқдому ибтикори довталаб дар мавриди ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ басо муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки довталаб бо мақсади баррасии ҳаматарафаи мавзуи таҳқиқот адабиёту осори илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро омӯхта, вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш таҳлилу таҳқиқ ва ба таври густурда онҳоро мавриди истифода қарор додааст. Дар баробари ин, мушикофона онҳоро арзёбӣ карда, андешаву мулоҳизоти хешро озодона ва аз назари интиқодӣ баён кардааст.

Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардаи унвончӯй мақсаднокии истифодаи технологияи рушди тафаккури таҳлилиро вобаста ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тасдиқ мекунанд.

Бояд зикр кард, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқоти диссертатсионии аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ шоёнеро, шогирдона бошад ҳам, ба анҷом расонидааст. Навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро бозгӯ карда, собит месозанд, ки муаллифи диссертатсия дар воқеъ оид ба ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ пажӯҳиши мукаммал анҷом додааст. Муаллиф, тавассути истифода аз методҳои муосири таҳлил, имкониятҳои педагогии технологияҳои муосири рушди тафаккури таҳлилиро ҷиҳати ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон муайян намудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад бо такя ба асарҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ҳамчунин, бо истифода аз назарияҳои педагогӣ ва психологӣ, нишон медиҳад, ки чӣ гуна ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагонро тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ метавон ташаккул дод.

Арзиши амалии таҳқиқоти Аҳмадзода Салоҳиддин дар он аст, ки натиҷаҳои онро дар раванди таълиму тарбия дар ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

Хулоса, таҳқиқоти Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар самти ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ саҳми арзандае дар илми педагогикаи тоҷик мегузорад. Натиҷаҳои он метавонанд дар ғанӣ гардонидани методикаи таълими насли бомаърифат истифода шаванд. Таҳқиқоти мазкур барои муҳаққиқон, омӯзгорон ва доираи васеи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ манбаи муфид буда метавонад.

Мутанона изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиякардаи довталаб такмили раванди истифодаи ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагонро тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таъмин хоҳанд кард.

Андешаҳои дар боло иброзшуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмадро собит сохта, дар иҷрои кори таҳқиқотӣ салоҳиятнокии илмӣ, мустақилият, тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ будани унвончӯйро нишон медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шудаанд.

Ба андешаи мо, довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро ҳаллу фасл кардааст.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, инчунин, ба Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, муҳтавои мухтасари диссертатсияро ифода мекунад. Мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллифи рисола мазмуни таҳқиқотро пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Аҳмадзода Салоҳиддин Аҳмад дар мавзуи «Ташаккули ҳофизаи таърихии хонандагон тавассути технологияи рушди тафаккури таҳлилӣ» ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, таҳти №591) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.1. Назария ва методикаи таълими таърих сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи фалсафава
сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Носиров Саъдулло Шукулоевич

«Имзои Носиров С.Ш.-ро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон — Мирҷамолов М. А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Нахимов, 64/14
Тел.: +992 37 231 0843; +992 99 999 9999
E-mail: info@tgfeu.tj; info@ddmit.tj

«30» сентябри соли 2026